«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ
_____________Абдулло Ҳабибулло
«27» сентябри соли 2018

Хулосаи
кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ба диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи “Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб”, ки дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

Муаллифи диссертатсия Одинаева Гулбону Мадалиевна унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Мавсуф соли 1990 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳоноти ҳадди ақалли номзадӣ аз фанҳои «Забони англисӣ» - (шаҳодатномаи №15, баҳо «4-хуб») ва «Фалсафа» (шаҳодатномаи №14 аз 2. 07. 2018, баҳо «5-аъло») аз тарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Шоҳзамон Раҳмонов – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири бахши адабиёти муосири Иниститути забон ва адабиёти тоҷики ба номи А. Рӯдакии АИ ҶТ мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи номзадии номбурда дар Шӯрои илмии Институти забон адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ дар таърихи 05.07.2011, суратмаҷлиси №3 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи баррасӣ ҷаласаи васеи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика ба чунин хулоса омад:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмию назарӣ таълиф ёфта, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар диссертатсия шахсият ва хизматҳои Ҳақназар Ғоиб дар адабиёти муосири тоҷик мушаххас гардидааст.

Муҳтавои диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисос 10.01.01. – адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Муаллиф дар диссертатсия маълумоти заруриро оид ба зиндагинома ва осори шоир Ҳақназар Ғоиб пешниҳод карда тавонистааст. Махсусан ба фаъолияти шоирии адиб таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст.

Муаллиф дар таҳқиқот зинаҳои рушду пешрафти шоирро дуруст муайян карда, қимати мундариҷавӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва бадеии осори ӯро нишон дода, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб дар сатҳи зарурӣ ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида шудааст.

Муаллиф адабиёти илмӣ ва илмию оммавии оид ба рӯзгору осори шоирро ҷамъоварӣ карда, аз ҷиҳати илмӣ истифода бурда, бо хулосаҳои худ, ки дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи мавзӯъ ба вуҷуд омадаанд, аҳамияти назарӣ ва амалии онҳоро муайян намудааст.

Унвонҷӯ зимни таҳқиқот осори лирикӣ ва ҳамосии Ҳақназар Ғоибро, ки беш аз пеш ташаккул ва таҳаввул ёфта ва аз ҷиҳати муҳтаво комил гардидааст, баҳо дода, аз таҷрибаи дар соҳаи назми муосир андӯхтаи шоирро барои адибони ҷавон ва ҳавасмандони адабиёт пешниҳод намудааст. Инчунин, иброз доштааст, ки натиҷаҳои тадқиқот дар таълифи таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI ҳамчун дастуру маводи ёрирасон барои муаллимони макотиби миёна ва олӣ мусоидат карда метавонад.

Диссертатсияи мазкур аввалин таълифоти ҷомеъ оид ба зиндагинома ва осори гаронбаҳои Ҳақназар Ғоиб маҳсуб ёфта, дар рафти тадқиқот унвонҷӯ хулосаҳои ҳосилшударо оид ба мавзӯъ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ баромад кардааст. Ғайр аз ин, ҳашт мақолаи илмии ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзи илм ба табъ расонидааст, ки аз рӯйи мундариҷа бобҳои асосии корро фаро мегиранд.

Мундариҷа ва қисматҳои алоҳидаи рисола дар ҳашт мақола, аз ҷумла дар чор мақолаи дар маҷаллаҳои илмии дар қайди ВАК-и Россия буда ба табъ расидаанд. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб», инчунин дар маводи конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон» (бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) инъикос ёфтаанд. Паҳлуҳои гуногуни мавзӯи мазкур дар курсҳои махсуси адабиёти тоҷик мавриди баҳрабардории донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб қарор мегиранд.

**Бозёфтҳои илмии рисола.** Дар диссертатсияи пешниҳодшуда дар илми адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти мукаммал дар бораи ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти адиб, мавзӯъву мундариҷа ва шаклу намунаҳои ашъори шоир Ҳақназар Ғоиб мебошад. Аз рӯйи таҳқиқоти мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки шоир анъанаи шеъри классикии тоҷику форсро дар сурудаҳояш идома ва инкишоф додааст. Шеъри ӯ аз нигоҳи мазмуну ғоя ва ҳунари нигорандагӣ ба дараҷаи баланди шеъри имрӯз қарор дошта, дар тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии наслҳои гуногуни хонандагон саҳмгузор мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ** бо омӯзиши осори донишмандони маъруфи ватанию хориҷӣ В.Г. Белинский, И.С. Брагинский, Л.И. Тимофеев, А.Сайфуллоев, С.Табаров, М.Шукуров, Р.Мусулмониён,

Х.Шарифов, А.Абдуманнонов, Ш.Сайидҷаъфаров, А.Қаландар, М.Аҷамӣ, М.Тоҷдинӣ ва дигарон омода шудааст. Дар рисола осори Ҳақназар Ғоиб вобаста ба ҳунари шоирии ӯ гурӯҳбандӣ шудааст. Таҳлили шеър ва достонҳои дастрас тамоми давраҳои ҳаёти Ҳақназар Ғоибро аз даврони тифлӣ то охири умр фаро гирифтааст. Ҳамчунин арзиши назариявии рисола заминаи илмии таҳлили ашъорро барои шахсиятҳои машҳури илм, фарҳанг ва ҳунар фароҳам меорад.

**Асосҳои амалии таҳқиқот.** Дар масъалаи анъана ва навоварӣ дар эҷодиёти шоир доира ва маҳфилҳои адабии Кӯлоб мусоидат мекунад. Ҳамчунин рисола дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, семинарҳои махсуси факултаҳои филологияи мактабҳои олии кишвар, дар навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба чашм расиданд:

1. Дар рисола баъзе фикрҳо такрор шудаанд;
2. Дар кор ғалатҳои имлоию техникӣ ба чашм мерасанд;
3. Китобнома ба талаботи имрӯзи илм ҷавобгӯ нест.

Бо дарназардошти эътирофи ин камбудиҳо ва ваъдаи бартараф намудни онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия, ҳамчунин, бо дар ихтиёр доштани муҳлати зарурӣ барои бартараф намудани онҳо, ҷаласаи кафедра диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявӣ-бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик тавсия дода мешавад.

Хулоса мазкур дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, суратҷаласаи №2, аз 27 сентябри соли 2018.

Мудири кафедраи адабиёти тоҷик
ва журналистика, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент: Холиқова З. К.

Котиби кафедра, ассистент: Шамшоди Ҷ.

«Имзои Холиқова З. К. ва Шамшоди Ҷамшедро
тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Ятимов Ҳ.

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
________________
«14» ____________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Одинаева Гулбону Мадалиевна** соли 1990 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2012 то 2018 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Одинаева Гулбону доктори илмҳои филологӣ, профессори шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИ ҶТ **Шоҳзамон Раҳмонов** мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи дар Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёт ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 05.07.2011, қарори №3 тасдиқ шудааст.

Институти забон ва адабиёт ба диссертант Одинаева Гулбону 30-юми майи соли 2019, №567 шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти нимаи дуюми асри XX ва замони соҳибистиқлолии кишвар аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб ёфта, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу анвои адабӣ таҳаввулоти чашмрас ба амал омадааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи чунин дигаргуниҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносии замони Истиқлол маҳсуб меёбад. Бо назардошти чунин

андешаҳо унвонҷӯй дар осори чеҳраҳои намоёни адабии ин давра, аз ҷумла М.Турсунзода, Ғ.Мирзо, М.Қаноат, Б.Собир, Л.Шералӣ, Гулрухсор таҳаввулот ва навгониҳои фикриро ба мушоҳида гирифтааст.

Дар радифи адибони мазкур ном ва маҳсули қалами Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҳақназар Ғоибро низ бояд қайд намуд, ки аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон бо тарзу равиши хос ва мавзӯю мундариҷаи баргузида осори гаронбаҳое пешкаши хонанда гардонидааст. Дар эҷодиёти шоир ҳақиқати воқеӣ, ки заминаи асосии ҳақиқати бадеӣ ба ҳисоб меравад, бо сабку услуби хос, забони фасеҳ, бо рангорангиву махсусияти ҷолиби тафаккуру тахайюл ба тасвир меояд. Ба андешаи унвонҷӯй шоир мавзӯъҳоеро мавриди тасвири бадеӣ қарор медиҳад, ки ба ҳаёти ҷомеа созгор бошанд ва ба раванди зиндагӣ, сиёсати ҷорӣ ва ахлоқи ҷомеа мувофиқат карда, пайванди ногусастании гузаштаву имрӯза ва фардоро таъмин намоянд. Дар ҳақиқат, осори Ҳақназар Ғоиб дар партави андешаҳои башардӯстона ва тарбиявӣ фароҳам омада, ғояҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ҳурмати волидайн ва одобу ахлоқи шоистаи инсониро тарғиб менамоянд.

Диссертант дар таҳқиқот зинаҳои рушду пешрафти шоирро дуруст муайян карда, мавзӯъ, мундариҷа ва осори адабию бадеии ӯро нишон дода, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии эҷодиёти Ҳақназар Ғоибро ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби Одинаева Гулбону дар шакли диссертатсия таҳқиқ шудани «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб» аз масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ҳақназар Ғоиб, бахусус возеҳ намудани ҷойгоҳи шоир дар адабиёти давраи нави тоҷик, бахусус, мақоми вай дар ташаккули назми тоҷик ва таҷассуми масъалаҳои ишқу муҳаббат, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ҳурмати падару модар, жанр ва шаклу намунаҳои ашъор мақсади аслии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он маҳсуб

меёбад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвончӯй дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

– дар асоси маълумоти мавчуда, баррасӣ намудани рӯзгор ва осори шоир;

– таҳқиқи ашъори шоир дар асоси маводи интищории адибону адабиётшиносон;

– муайян намудани мавқеи достон дар эчодиёти адиб;

– таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ, мавзӯӣ ва поэтикаи ашъори шоир;

– баррасии ашъори гуманистӣ ва ватандӯстӣ;

– таҳлили ашъори ба волидайн бахшидаи шоир;

– таҳқиқи масоили жанр ва вазну қофия дар осори Ҳ. Ғоиб.

Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ мачмӯаҳои осори адабию бадеӣ ва публитсистии дар солҳои гуногун эчодкардаи адиб, аз қабили «Тӯшаи роҳ», «Сурӯши Хатлон», «Рамзи ҳаёт», «Нигоҳи гарм», «Зинароҳ», «Точи офтоб», « Чашми саҳар», «Эҳёнома», «Барги сабзи ишқ», «Ашки нур», «Атри гиёҳ», «Таронаҳои моҳтобӣ», «Хаймаи нур», «Зинда бо гудозишҳо», «Ашки офтоб», «Муқаддаснома», «Нафас то бар нафас овози вақт аст», «Сарнавишт», «Дар бистари нарми гул», «Муждаҳои ориёнӣ», «Гул, шиша ва санг», «Қиссаи аспи хатлӣ», «Навҳаи Фирдавсӣ» ба марги Рустам» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хоричӣ, аз қабили В.Г. Белинский, Л.И. Тимофеев, И.С. Брагинский, А. Абибов, М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Х. Мирзозода, А. Шеърдӯст, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, А. Сатторзода, А. Абдуманнонов, М. Имомзода, А. Раҳмонзода, А. Маҳмадаминов, А. Кӯчарзода, Ш. Раҳмонов, Ш. Саидчафаров ва дигарон ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз равиши сунатии таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ ва типологӣ истифода карда, ба тачриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Нововарии таҳқиқ.** То кунун муҳтавои осори Ҳақназар Ғоиб, мавзӯю мундаричa ва шаклҳои ашъори шоир дар адабиёти точик ба таври

мукаммал ва комплексӣ таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд. Бори аввал дар диссертатсия мазмуну муҳтаво ва ҳунари нигорандагии Ҳақназар Ғоиб ба таҳлили ҳамаҷонибаи монографӣ фаро гирифта шудааст. Ҳамчунин, дар ҷараёни пажӯҳиш эҷодиёти Ҳ. Ғоиб чун ҷузъи адабиёти муосири тоҷик ва нақши шоир дар таҳкими робитаҳои адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону аз чанд ҷониб аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин таҳқиқ фароҳамомада ва хулосаҳои он ба инъикоси омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб на танҳо барои дарки моҳияти аслии сухани шоир зарур аст, балки барои маърифати ҳадафҳои адиб, муайян кардани мақоми ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, инчунин нишон додани қонунмандиҳои инкишофи адабиёт дар марҳилаи муайян дорои арзишҳои илмӣ мебошад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Одинаева Г. дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои тадқиқ метавонад дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ, курсҳои назариявӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳои алоҳида аз адабиёти муосири тоҷик мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин дастовардҳои муаллифи диссертатсияро метавон дар раванди таҳқиқи робитаҳои адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо истифода кард.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 6 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Одинаева, Г. М. Мақому манзалати инсон аз нигоҳи Ҳақназар Ғоиб / Г. М. Одинаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе : Сино, 2016. – № 4/1[195]. – С. 193 – 196.

[2-М]. Одинаева, Г. М. Васфи падару модар дар ашъори Ҳақназар Ғоиб / Г. М. Одинаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе : Сино, 2016. – № 4/2 [199]. – С. 214 – 217.
[3-М]. Одинаева, Г. М. Мавзӯи ишқ дар эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб / Г. М.Одинаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе : Сино, 2016. – № 4/3 [203]. – С. 210 – 213.
[4-М]. Одинаева, Г. М. Хусусиятҳои поэтикии лирикаи Ҳақназар Ғоиб / Г. М. Одинаева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе: Сино, 2016. – № 5 [66]. – С. 185 – 189.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Одинаева Гулбону Мадалиевнаро** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест, қарори №3 аз 15.09.2020.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Бобомаллаев И.Ҷ.**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
«14» ноябри соли 2020.